«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
____________Назарзода Х.Х.
«_24_» _август_ соли 2023

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба рисолаи Атаев Акмалхон Саидумарович доир ба мавзӯи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Рисолаи Атаев Акмалхон Саидумарович доир ба мавзӯи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба ихтисос ва соҳаи илм мувофиқ буда, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеорад.

**Мубрамияти мавзӯи рисолаи илмӣ**

Шартномаҳои марбут ба хизматрасонии коммуналӣ дар ҳақиқат яке аз масъалаҳои мураккаби ҳуқуқи маданӣ ба шумор рафта, он ниёз ба таҳлилу такмили ҳамаҷониба дорад. Хусусан дар шароити ҳозира, ки аксари хонаҳо моликияти хусусӣ мебошанд, хизматрасонии коммуналии онҳо хусусияти иқтисоди бозориро касб кардааст. Муаллиф мубрамияти мавзӯро дуруст арзёбӣ намуда, чунин зикр менамояд: “муаммоҳои асосӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар ҶТ таҳкими мутобиқатии қонунгузорӣ оид ба таъмини шаҳрвандон бо нерӯҳои барқӣ, гармӣ, оби нӯшокӣ, ки барои эҳтиёҷҳои аҳолӣ муҳим ҳастанд, маҳсуб мегардад.” (с. 3).

Муаллиф воқеан мавзӯи муҳимро интихоб кардааст. Мавзӯи интихобшуда мураккаб, гуногунҷабҳа, диққатҷалбкунанда ва арзандаи тадқиқоти илмӣ буда, яке аз мавзӯҳои муҳими илми ҳуқуқи маданӣ мебошад ва мубрам будани он ягон шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми илмии довталаб дар илми ҳуқуқи маданӣ дар он ифода меёбад, ки мавзӯи мазкур нахустин бор дар Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ба ин масъала олимони ватанӣ хеле кам аҳамият медиҳанд. Дар рисола муаллиф мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо ва ва дигар ҷанбаҳои муҳими шартномаҳои хизматрасонии коммуналиро таҳлил ва баррасӣ намуда, диққати олимон ва кормандони амалияро ба ин масъала ҷалб намудааст ва хулосаҳои илмию тавсияҳои таҷрибавиро манзур намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Дар рисола пешниҳодҳои мушаххас барои ҳимоя манзур шудааст. Миёни онҳо пешниҳодҳои зерин арзиши муҳими илмӣ доранд:

1. Дар рисола бо далелҳои илмӣ асоснок карда мешавад, ки таҳти мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ намуди махсуси фаъолияти ташкилотҳои мушаххасгардонидашуда (захиратаъминкунанда) фаҳмида мешавад, ки баҳри фароҳам овардани неъмати махсуси ғайримоддӣ, дар шакли муҳайё кардани шароити зарурии зист барои истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) дар биноҳои истиқоматӣ бо роҳи таъмин намудани сифати муназзам ва дахлдори захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаҳои мухталифи муҳандисӣ нигаронида шудааст.

2. Аз таҳлили аломатҳои ба хизматрасонии коммуналӣ хосбуда бармеояд, ки ба сифати аломатҳои муҳими хизматрасонии коммуналӣ мо ҳайати субъектӣ ва пешниҳоди он тавассути шабакаҳои пайвастаро зарур меҳисобем. Маҳз бо

ҳамин аломатҳо шартномаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ (таъмини захираҳо)-ро аз дигар намуди шартномаҳои хариду фурӯш ё дигар намуди хизматрасонӣ фарқ кардан мумкин аст. Чунин ба назар мерасад, ки нигохдории инфрасохтори муҳандисӣ ва шабакаҳои пайваста, ки тавассути он сарчашмаҳои коммуналӣ ба истеъмолкунандагон расонида мешаванд, унсури муҳим дар амалиётҳои хизматрасонӣ мебошад.

4. Ҳама шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бо як хусусияти муттаҳидкунанда – хусусияти техникии иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ, яъне таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста муайян карда мешаванд.

6. Аз рӯйи табиати ҳуқуқӣ шартномаи идораи биноҳои бисёрхонагӣ ҳамчун шартномаи мустақил, дутарафа, консенсуалӣ, музднок маҳсуб дониста шуда, он ба низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ тааллуқ дорад.

7. Дар асоси таҳлили назарияҳои илмӣ доир ба мафҳуми ташкилоти барқтаъминкунанда ва аломатҳои он таърифи мафҳуми ташкилоти барқтаъминкунандаро дар таҳрири зерин ифода кардан мумкин аст: ташкилоти барқтаъминкунанда – ин ташкилоти тиҷоратии дорои вазъи махсус ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатнома анҷомдиҳанда мебошад, ки ба истеъмолкунандагон (муштариён) нерӯи барқро мефурӯшад ва ба истеъмолкунандагон (муштариён) хизматрасонӣ оид ба таъмини барқро мерасонад.

8. Тибқи шартномаи таъмини гармӣ ташкилоти гармитаъминкунанда ӯҳдадор мешавад, тавассути шабакаҳои гармидиҳии пайваста ба истеъмолкунанда – шаҳрванд аз як тараф ва ба муштарӣ – ташкилоти идоракунанда ё ширкати соҳибмулкони манзил аз тарафи дигар нерӯи гармиро таъмин намояд ва истеъмолкунанда-муштарӣ бошад, ӯҳдадор мегардад, ки арзиши гармии истифодашударо пардозад, инчунин низоми истифодаи онро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, риоя намояд, таъмини бехатарии

истифодаи таҷҳизотҳои гармидиҳандаи тахти ихтиёраш қарордоштаро ба истифодаи гармӣ дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ дорад.

Ҳамин тавр пешниҳодҳои мазкур илман асоснок буда, лоиқи дастгирӣ мебошад. Аммо дар борабари чунин муваффақият ба назари мо пешниҳодҳои имлии №3 ва №5 баҳснок мебошанд, ки доир ба онҳо дар қисмати эродҳо зикр хоҳем кард.

**Сатҳи асоснокии пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола манзуршуда**

Пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, таҳлили қонунгузорӣ, муқоисаи қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории дигар давлатҳо, таҳлили таҷрибаи судӣ, хусусан баррасии масъалаи шартномаҳои марбут ба хизматрасонии коммуналӣ сурат гирифтааст.

Сатҳи асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба ҷанбаҳои гуногуни институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, асос меёбанд.

Дар диссертатсия чунин методҳои таҳқиқот истифода шудаанд, ба монанди: расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии ҳуқуқии хизматрасониҳои коммуналӣ ва натиҷаҳои онҳо истифода шудааст; методи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои шарҳ додани дурнамои танзими ҳуқуқии таъмини нерӯи барқ ба аҳолӣ имкон додааст; методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди нишон додани шартҳои муҳими шартномаҳо дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ истифода шудааст.

**Сохтори рисола.** Рисолаи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, мухтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии рисола 200 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи рисола, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якум** - “Хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”: мафҳум, аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ; манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ; хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур муаллиф сарчашмаҳои ҳуқуқиро доир ба хизматрасонии коммуналӣ баррасӣ кардааст. Хизматрасонии коммуналиро дар доираи назарияи объектҳои ҳуқуқи маданӣ омӯхтааст. Дар он мавқеи танзими шартномавиро нишон дода, хӯсусиятҳояшро кушодааст.

**Дар боби дуюм** - “Хизматрасониҳои коммуналӣ ҳамчун мавзӯи шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ” масъалаҳои зерин таҳлил шудаанд: тавсифи умумӣ ва таснифи шартномаҳои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ; шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ; шартномаи таъминоти барқ дар шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; таъмини аҳолии шаҳр бо гармӣ ва танзими шартномавии он.

Муаллиф шартномаҳои гуногуни хизматрасонии коммуналиро дар ин боб баррасӣ кардааст, аммо бо таври иловагӣ шартномаи идоракунии

биноҳои бисёрхонагиро низ матраҳ кардааст. Ба назари мо ин масъала ба мавзуи интихобшуда алоқаманд мебошад, аммо худаш як шартномаи алоҳида ва мустақил аст. Он метавонад ҳамчун шартномаи заминавӣ барои шартномаҳои хизтмарсонии коммуналӣ баромад намояд.

Дар **хулоса** муаллиф аз рисола бо таври куллӣ натиҷагирӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои асосии худро дар он мураттаб намудааст.

**Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар 8 мақолаи илмӣ (аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) нашр гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автоферетро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба шакл ва мазмуни рисола:**

1.Дар навгонии илмии №3 таърифи мафҳуми шартномаи хизматрасонии коммуналӣ чунин пешниҳод карда шудааст: хизматрасонии коммуналӣ созишномае фаҳмида мешавад, ки тибқи он ташкилоти захиратаъминкунанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст интиқоли шабонарӯзии захираҳои коммуналии босифат (нерӯи барқ ва гармӣ, оби нӯшокӣ, газ) ва хизматрасонии рафъи обҳои партовро тавассути шабакаҳои пайваста бо миқдори пешбинишуда, баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои маишии истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) дар биноҳои бисёрхонагӣ таъмин намояд, истеъмолкунанда (соҳибмулки манзил) уҳдадор аст барои истеъмоли захираҳои коммуналӣ ва истифодаи хизматрасонии рафъи обҳои партов маблағ пардозад, инчунин миқдори истеъмоли захираи коммуналиро риоя намояд, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти шабакаҳо, асбобҳо ва таҷҳизотҳои дар ихтиёрдории ӯ қарордоштаро таъмин намояд".

Дар ин мафҳум муаллиф шартномаҳои хизматрасонии коммуналиро ба истеъмолкунандагони чунин хизматҳо дар **биноҳои бисёрхонагӣ** марбут донистааст. Сабаб чист? Онҳое, ки дар ҳавлиҳо, бӯстонсароҳо ва дигар манзилҳо ҳастанд наметавонанд аз хизматрасонии коммуналӣ истифода баранд? Муаллифро зарур аст, ки ҳамин масъаларо тавзеҳ диҳад.

2.Дар навгонии №5 муаллиф пешниҳод кардааст, ки: мафҳуми шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ дар таҳрири зерин ба қонунгузорӣ ворид карда шавад: «Тибқи шартномаи идоракунии бинои бисёрхонагӣ (шартномаи идоракунии молу мулки умумии соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ) як тараф (ташкилоти идоракунанда) бо фармоиши тарафи дигар (фармоишгар – соҳибмулки манзил дар бинои бисёрхонагӣ) уҳдадор аст дар муҳлати муқарраршуда таъмини хизматрасонӣ ва иҷрои корро оид ба нигоҳдории дуруст ва таъмири молу мулки умумӣ дар ин бино, таъмини хизматрасонии коммуналиро ба соҳибмулкони манзил дар ин бино ба анҷом расонад, тарафи дигар (фармоишгар – соҳибмулки манзил дар бинои бисёрхонагӣ) бошад, уҳдадор аст барои хизматрасонии манзилӣ-коммуналии расонидашуда ва иҷрои корҳои таъмирӣ маблағ пардохт намояд».

Қонунгузорӣ васеъ мебошад ва бо таври умумӣ онро такмил дода намешавад. Муаллифро зарур аст, ки сарчашмаи муайянро нишон дода, такмили онро пешниҳод намояд.

3. Дар боби дуюми рисола муаллиф шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагиро баррасӣ кардааст. Ба назари мо шартномаи мазкур ҳамчун шартномаи хизматрасонии коммуналӣ ҳисоб намешавад ва мақсади асосии он дигар мебошад. Муаллифро зарур аст, ки мавқеи худро дар ин самт асоснок намояд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Мазмун ва моҳияти рисолаи Атаев Акмалхон Саидумарович доир ба мавзӯи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Диссертация ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар 13 нафар иштирок намуданд: тарафдор -13, зид - нест, бетараф– нест. Протоколи семинари васеи назариявӣ аз 22.08.2023, № 1.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводҳои корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи Атаев Акмалхон Саидумарович доир ба мавзӯи «Институти шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати

Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов У.А. омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шуд. Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар иштирок намуданд: тарафдор -13, зид - нест, бетараф– нест. Протоколи ҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 22.08.2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Меликов У.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявии
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, асистенти кафедра Ҳакимов Ш.Ш.

«Имзои Ф.Ш. Алиев, У.А. Меликов
ва Ш.Ш. Ҳакимовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
22.08.23

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru www.tguk.tj